**НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ №5/1**
**оид ба баргузории ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

«04» ноябри соли 2022 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Мирзозода П., профессорон Раҳимзода М.З, Ғафурзода А.Д., Ғаюрзода Ш.К., дотсентон Бобокалонов Ғ.М., Кабутов Э.Д., Ризоева С.К., Мавлоназаров О.А., муаллими калон Муминов Н.И., Сангов С.И., Саъдиев И.З., Шарифов И.М., Каримов Х.С., Шабанов Ш.С., лаборанти кафедра Маҷидова Р.С., муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ Раҳимзода М., аспирантон ва унвонҷӯёни кафедра

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

**1.1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ». Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д.**

Мудири кафедра Мирзозода П. қайд намуд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаи имрӯзаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» зери роҳбари д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуқтаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Раҳмонзода А.Қ. дода шуд **(баромад замима мегардад).**

Баъди баромади Раҳмонзода А.Қ. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаи рисола ба устодони кафедра профессор Ғаюрзода Ш.К., дотсентон Бобокалонов Ғ.М., Кабутов Э.Д., Ризоева С.К., Мавлоназаров О.А., муаллими калон Муминов Н.И., Сангов С.И., пешакӣ тақсим гардида буд.

Нахус сухан ба профессор Ғаюрзода Ш.К. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи Раҳмонзода А.Қ. иброз намуд.

Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Баъдан сухан ба дотсент Кабутов Э.Д. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Раҳмонзода А.Қ. иброз намуда, баъзе камбудиву норасоиҳои рисоларо қайд намуд. Дар умум қайд кард, ки рисола кори илмии анҷомёфта буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Сипас муаллими калон Шабанов Ш.С. андешаҳояшро оид ба рисола иброз намуд, ки он дар сатҳи хуб навишта шудааст ва ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия карда мешавад.

Мудири кафедра Мирзозода П. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла қайд кард, ки дар рисолаи илмӣ асосан ғалатҳои техникӣ ва риоя нашудани қойдаҳои нав ба чашм мерасад. «Мазмуни рисола хуб аст ва он ба ҳимоя тавсия карда шавад» – қайд намуд, Мирзозода П.

Мудири кафедра Мирзозода П. андешаҳои аъзои кафедраро ба инобат гирифта, пас аз муҳокима номзадии Раҳмонзода А.Қ.-ро ба овоздиҳӣ гузошт. Аз аъзои кафедра хоҳиш намуд, ки мавқеи худро оид ба рисолаи номзадии Раҳмонзода А.Қ. муайян намоянд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, Ҳамин тариқ,

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Рисолаи унвонҷӯи кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д. ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждантӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

2. Хулосаи мусбати кафедра оид ба рисолаи мазкур ба кафедраи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дода шавад **(хулосаи кафедра замима мегардад).**

**Мудири кафедраи ҳуқуқи**
**соҳибкорӣ ва тиҷорат, н.и.ҳ., дотсент:** **П.Мирзозода**

**Лабаранти кафедра:** **Р.С. Маҷидзода**